**Маълумот оид ба раванди татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 дар соли 2023**

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2023 фаъолиятро ҷиҳати татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №565 аз 30 декабри соли 2021 тасдиқ гардидааст, идома дод.

Барнома низоми таълимро дар марҳилаи нави рушди ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият дода, барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, тақвият додани донишҳои касбии кормандони соҳаи маориф, судяҳо, хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ, ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ҷавонон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ равона шудааст.

Бо мақсади амалисозии самарабахши Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Барнома, бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №11 аз 16 феврали соли 2022 аз ҳисоби намояндагони Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия, мудофиа, маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ва мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ таъсис дода шуда, фаъолияти муназзам дорад.

Бандҳои 1, 2, 3, 4, 8 ва 9 Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Барнома, ки хусусияти ташкилӣ доштанд, дар соли 2022 иҷро

гардида, татбиқи бандҳои 15, 16, 29, 36 ва 37 марҳила ба марҳила дар солҳои 2024-2027 ба нақша гирифта шудааст.

Дар соли 2023 бандҳои зерини Нақшаи чорабиниҳо амалӣ гардонида шуданд:

**Банди 5. Ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯро оид ба татбиқи Барнома.**

Амалисозии муваффақонаи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 аз фаъолияти муназзами Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ вобастагӣ дорад. Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба фаъолияти самараноки Шӯро мусоидат намуда, иштироки мунтазами аъзоёни Шӯроро дар чорабиниҳо ва гурӯҳҳои кории мақомот таъмин менамояд. Бо мақсади натиҷагирӣ аз фаъолияти Шӯро дар соли 2023, тасдиқи барномаҳои нави таълимӣ аз фанни «Ҳуқуқи инсон» ва банақшагирии фаъолият дар соли 2024, санаи 21 декабри соли 2023 ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ баргузор гардид, ки дар он аъзоёни Шӯро ва кормандони масъули мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иштирок намуданд. Дар ҷаласа гузориши котиби Шӯро оид ба раванди татбиқи Барнома дар соли 2023 ва гузориши муовини раиси Шӯро оид ба раванди татбиқи Барнома дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шунида шуд. Ҳамчунин аъзоёни Шӯро барномаҳои таълимии соҳавиро тасдиқ намуда, ба чоп пешниҳод намуданд. Аз натиҷаи ҷаласа қарорҳои дахлдор қабул гардид.

**Банди 6. Таҳияи барномаҳои соҳавии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои намояндагони воситаҳои ахбори омма ва ҷавонон.**

Бо мақсади таҳияи барномаҳои соҳавии таълим аз фанни Ҳуқуқи инсон барои намояндагони воситаҳои ахбори омма ва ҷавонон дар ҳамкорӣ бо аъзоёни Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ – намояндагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон, Ташкилоти

ҷамъиятии «Хома» 2 дастури методӣ: «Барномаи таълимӣ аз фанни Ҳуқуқи инсон барои намояндагони воситаҳои ахбори омма» (88 соат) ва «Барномаи таълимӣ аз фанни Ҳуқуқи инсон барои ҷавонон» (48 соат) таҳия гардиданд.

**Банди 7. Такмили барномаҳои соҳавии амалкунандаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон.**

Дар доираи татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 аз ҷониби вазорату идораҳо ва муассисаҳои илмию таълимӣ 17 лоиҳаи барномаҳои таълимӣ аз фанни ҳуқуқи инсон барои категорияҳои муайян таҳия ва бо қарори Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 аз 5 декабри соли 2014, №4 тасдиқ шуда буданд.

Бо дарназардошти ба миён омадани зарурияти такмили барномаҳои таълимӣ 8 августи соли 2022 аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба вазорату идораҳо ва муассисаҳои илмию таълимӣ ҷиҳати такмил додан ва барои тасдиқ ба Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ пешниҳод намудани барномаҳои таълимии соҳавӣ аз фанни ҳуқуқи инсон мактуб ирсол гардида буд. Вазорату идораҳо барномаҳои таълимии соҳавиро аз фанни “Ҳуқуқи инсон” такмил дода, пешниҳод намуданд.

Барномаҳои таълимии соҳавӣ аз фанни ҳуқуқи инсон пас аз такмил дар ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ, ки 21 декабри соли 2023 баргузор шуд, тасдиқ гардида, барои чоп пешниҳод шуданд.

**Банди 10. Баррасӣ ва тасдиқи барномаҳои соҳавии такмилдодашуда ва барномаҳои нав барои намояндагони ВАО ва ҷавонон.**

Дар ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ, ки 21 декабри соли 2023 баргузор шуд «Барномаи таълимӣ аз фанни Ҳуқуқи инсон барои намояндагони воситаҳои ахбори омма» (88 соат) ва «Барномаи таълимӣ аз фанни Ҳуқуқи инсон барои ҷавонон» (48 соат) баррасӣ

гардида, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои аъзоёни Шӯро такмил ва бо қарори Шӯро тасдиқ карда шуданд.

**Банди 11. Таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ, дастурамалҳои методӣ, маҷмӯаҳо, китобчаҳои ҳамроҳ, брошюраҳо ва маводи дигари иттилоотӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон.**

Зимни амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба масъалаҳои таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ, дастурамалҳои методӣ, маҷмӯаҳо, китобчаҳои ҳамроҳ, брошюраҳо ва маводи дигари иттилоотӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳамияти махсус дода мешавад. Дар ин робита аз ҷониби устодони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2 китоби дарсӣ, 9 воситаи таълимӣ ва 13 барномаи таълимӣ, аз ҷониби устодони Академияи Вазорати корҳои дохилӣ 3 маҷмӯи маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ таҳия ва нашр шудааст.

Аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 6 шумораи “Ахбори Ваколатдор” бо теъдоди 750 адад, ки ду шумораaш ба масъалаҳои шарҳу тавзеҳи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмӯи маводҳои иттилоотӣ оид ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 бахшида шуда буд, ба табъ расид.

**Банди 12. Тайёр кардани мураббиёни соҳаи ҳуқуқи инсон барои гузаронидани семинару тренингҳо барои гурӯҳҳои мақсаднок дар вазорату идораҳо.**

Бо мақсади тайёр намудани мураббиёни соҳаи ҳуқуқи инсон аз 6 то 8 июли соли 2023 дар Маҷмааи истироҳатии “Сафед-дара” бо иштироки 19 нафар кормандону олимони ҷавони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Академияи миллии илмҳо, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ва

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Мактаби тобистонаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ташкил ва гузаронида шуд.

Ҳадаф аз баргузории Мактаби тобистона тайёр намудани тренерон оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб мерафт. Дар давоми 3 рӯз иштирокчиёни тренинг, дар асоси барномаи тренинг оид ба мавзӯъҳои: ҳуқуқ ва озодиҳои инсон: мафҳум ва моҳият, низоми миллии иҷроияи ҳифзи ҳуқуқи инсон, мавзӯъ ва усулҳои омӯзиши фанни таълимии ҳуқуқи инсон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун механизми миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон, санадҳои универсалии соҳаи ҳуқуқи инсон, ҳамкории Тоҷикистон бо низоми сохторҳои шартномавӣ ва оинномавии СММ, таърихи ҳуқуқи инсон, нақшаҳои миллии амал оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 ва дигар масъалаҳо маълумот гирифтанд.

Барои иштирокчиён Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон, иқтибос аз Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” ва дигар маводи иттилоотӣ дастрас карда шуд.

Ҳамчунин дар доираи баргузории чорабинии мазкур пеш аз оғози машғулиятҳо ва пас аз анҷомёбии тренинг аз иштирокчиён пурсишнома гирифта шуда, сатҳи дониш ва омодагии онҳо санҷида шуд. Дар анҷоми тренинг барои иштирокчиён Гувоҳнома оид ба иштирок дар мактаби тобистона супорида шуд, ки ба онҳо ҳуқуқ медиҳад ҳамчун тренери соҳаи ҳуқуқи инсон машғулиятҳо гузаронанд.

**Банди 13. Гузаронидани семинару тренингҳо барои гурӯҳҳои мақсаднок дар вазорату идораҳо бо мақсади тайёр кардани кадрҳо барои амалӣ намудани низоми таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон.**

Амалӣ намудани низоми таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз омода намудани мутахассисон дар вазорату идораҳо вобастагии амиқ дорад. Бо ин мақсад санаи 14 апрели соли 2023 барои кормандони масъули

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин, санаи 28 март дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, 6 октябри соли 2023 барои кормандони Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 октябри соли 2023 барои кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо корупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 ноябри соли 2023 барои кормандони Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аҳамияти қабул ва амалигардонии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 машғулиятҳои дохилиидоравӣ гузаронида шуданд.

**Банди 14. Ба Шӯро пешниҳод намудани маълумоти муфассал оид ба рафти иҷрои Барнома**

Вобаста ба рафти иҷрои Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва Нақшаи чорабиниҳои он ба Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ пайваста маълумоти муфассал пешниҳод мегардад. Дар ҷараёни амалисозии Барнома ва Нақшаи чорабиниҳои он аъзоёни Шӯро ҳамчун коршинос даъват карда мешаванд.

Аз ҷумла, зимни ҷаласаи Шӯро, ки санаи 21 декабри соли 2023 баргузор гардид, гузориши котиби Шӯро оид ба раванди татбиқи Барнома дар соли 2023 ва гузориши муовини раиси Шӯро оид ба раванди татбиқи Барнома дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шунида шуда, маълумоти омодашуда барои ирсол намудан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуд.

**Банди 17. Такмили Дастурҳои методии мавҷуда ва таҳияи Дастурҳои методии нави таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои намояндагони ВАО ва ҷавонон.**

Бо назардошти таҳия ва қабули барномаҳои нави таълимии фанни Ҳуқуқи инсон барои ҷавонон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методии мавҷуда такмил дода шуданд.

Аз ҷумла, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 22 дастури таълимию методӣ, дар Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустӣ 5 дастури таълимӣ, дар Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 барномаи таълимӣ, дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ 10 барномаи таълимӣ, дар Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 6 барномаи таълимӣ.

**Банди 18. Таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ оид ба ҳуқуқи инсон барои факултетҳои ҳуқуқшиносии мактабҳои олӣ, намояндагони ВАО ва ҷавонон.**

Дар солҳои 2022-2023 аз ҷониби олимону мутахассисони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон китобҳои дарсии зерин аз фанни Ҳуқуқи инсон таҳия ва нашр гардиданд:

- Махмудзода М.А. Ҳуқуқи инсон барои синфҳои 10-и мактабҳои миёна. – Душанбе, 2022, 272 с. – Дар ҳаммуаллифӣ;
- Махмудзода М.А. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Маориф, 2023. – 240 с. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Раҳимзода М.З.;
- Махмудзода М.А. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон: китоби дарсӣ: нашри чорум. – Душанбе: Эр-граф, 2023. – 352 с. – Дар ҳаммуаллифӣ бо Худоёрзода Б.Т.;
- Муминзода Н.И., Ҳуқуқи таълимӣ. Воситаи таълимӣ. «Матбааи ДМТ». Душанбе – 2023. 230 с.

**Банди 19. Таҳия ва нашри фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон.**

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо устодони Кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон корҳои муқаддамотӣ ва ҷамъоварии маводҳои фарҳангро оғоз намудааст. Вале, бо сабаби пайдо нашудани сарчашмаи маблағгузорӣ таҳияи он ба таъхир афтодааст.

**Банди 20. Таҳия ва нашри маҷмуаи санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон.**

Соли 2023 бо мусоидати Дафтари Барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ҷамъоварӣ, такмил ва дар шакли Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон (нашри сеюм) бо теъдоди 300 нусха чоп ва ба мақомоту идораҳои дахлдор ва шахсони тамос дастрас карда шуд.

**Банди 21. Таҳия, тарҷума ва нашри маърӯзаҳои солонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.**

Ҳамасола дар моҳи феврал маърӯзаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия, тарҷума ва нашр карда мешавад. Соли 2023 маърӯзаҳои мақомот бо забони давлатӣ таҳия карда шуда, бо забонҳои русӣ ва англисӣ тарҷума ва бо теъдоди 600 нусха нашр ва паҳн карда шуданд.

**Банди 22. Таъсиси Махзани ягонаи электронии маълумот оид ба ҳуқуқи инсон.**

Дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи фаъолияти сомонаҳои расмии мақомот, сомонаи Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва шабакаи дохилиидоравӣ маълумот оид ба ҳуқуқҳои инсон ҷамъоварӣ гардидааст.

Тибқи арзёбии пешакӣ барои таъсиси Махзани ягонаи электронӣ маблағи зиёд лозим аст. Аз ин лиҳоз, бинобар пайдо нагардидани сарчашмаи маблағгузорӣ амалисозии ин чорабинӣ низ мавқуф гузошта шудааст.

**Банди 23. Таҳия, тарҷума ва нашри маводи дигари иттилоотӣ (овезаҳо, брошюраҳо, китобҳо, маҷмӯаҳо ва ғ.) ҳангоми зарурат.**

Дар соли 2023 аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон маводҳои иттилоотии «Кодекси рафтори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ», «Принсипҳои асосии истифодаи қувва ва силоҳи оташфишон аз ҷониби шахсони мансабдори масъул оид ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ», «Ҳуқуқҳои маъюбон», «Ҳуқуқҳои занон», «Намудҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон» ва «Баробарӣ ва манъи табъиз» таҳия гардида, ба чоп омода карда шудаанд.

**Банди 24. Гузаронидани тренингҳо барои иштирокчиёни курсҳои такмили ихтисос дар вазорату идораҳои дахлдор оид ба тарзу восита ва методикаи таълими ҳуқуқи инсон.**

Оид ба тарзу восита ва методикаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва азнавтайёркунии кормандон машғулиятҳо гузаронида мешаванд.

Соли 2023 дар Акедемияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 33 курси такмили ихтисос, дар Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 курси такмили ихтисос, дар Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура 19 чорабинии омӯзишӣ, дар Маркази таълими судяҳои Суди Олӣ 11 курси такмили ихтисос, дар Академияи ВКД 18 курсҳои такмили ихтисосу чорабиниҳои омӯзишӣ, дар Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 38 курси такмили ихтисос ва дар Академияи ВАО 1 курси такмили ихтисос гузаронида шудаанд.

**Банди 25. Гузаронидани семинарҳо барои омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба тарзу восита ва методикаи таълими ҳуқуқи инсон.**

Яке аз самтҳои асосии татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон баланд бардоштани малакаи касбии омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсон мебошад. Дар ин самт рӯзҳои 3-4 марти соли 2023 барои омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Ҷ.Балхии вилояти Хатлон, рӯзҳои 29-30 майи соли 2023 барои омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ва рӯзҳои 15-16 сентябри соли 2023 барои омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хоруғи ВМКБ, дар маҷмӯъ барои зиёда аз 60 нафар омӯзгорон семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд. Аз натиҷаи баргузории семинарҳо ба омӯзгорон Гувоҳнома дода шудааст.

**Банди 26. Омода намудани омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсони муассисаҳои таълимии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои ҳарбӣ, муассисаҳои дигари таълимӣ ва такмили ихтисос.**

Ҷиҳати баланд бардоштани малакаи касбӣ ва омодагии бештари омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсони муассисаҳои таълимии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои ҳарбӣ, муассисаҳои дигари таълимӣ ва такмили ихтисос ҳамкориҳо ба роҳ монда шуда, шахсони масъули таълими ҳуқуқи инсон пайваста ба чорабиниҳои омӯзишии аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ташкилшуда даъват карда мешаванд. Ҳамчунин дар доираи ин ҳамкориҳо ба муассисаҳои таълимӣ маводҳои тозанашри соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷумла, нақшаҳои миллии амал, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038, матни тоҷикии санадҳои универсалии соҳаи ҳуқуқи инсон дастрас карда шудаанд.

Вазорату идораҳои марбута низ ҷиҳати такмили ихтисос кормандони муассисаҳои таълимӣ саҳм мегузоранд. Аз ҷумла, дар Академияи ВКД 3 тренинг хориҷ аз кишвар ва 5 тренинги маҷозӣ барои устодони Академия, дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди ДМТ 3 тренинги омӯзишӣ барои омӯзгорони фанни ҳуқуқшиносӣ гузаронида шудааст.

**Банди 27. Мукаммал гардонидани мазмуну муҳтавои саҳифаи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» дар сомонаи интернетии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон.**

Дар сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон саҳифаи алоҳида оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон кушода шуда, оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 ва Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 маълумоти муфассал ҷой дода шудааст. Ҳамчунин, аз натиҷаи баргузории ҳамаи чорабиниҳои дар доираи татбиқи Барнома гузаронидашаванда, гузоришҳо нашр карда мешаванд.

**Банди 28. Ташкил ва гузаронидани барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ оид ба ҳуқуқи инсон.**

Пас аз қабули Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 дар ҳамкорӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ пахш карда мешаванд. Аз ҷумла, дар телевизиони «Тоҷикистон» барномаҳои «Маърифати ҳуқуқӣ», «Масъулият», «Инсон ва қонун», «Рӯ ба рӯ бо мутахассис», «Қонун», «Тоҷикистон ва ҷаҳон», «Минбари ҳуқуқ», дар телевизиони «Сафина» ҳафтае ду маротиба барномаи «Инсон ва ҳуқуқ», дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» барномаи «Қонун ва ҷомеа», «Прокуратура», «Ҳуқуқи Шумо», дар телевизиони «Баҳористон» барномаҳои «Донишвар» ва «Мо кӯдакони хушбахтем», дар радиои «Тоҷикистон» барномаҳои «Маърифат», «Низом ва масъулият», «Ҷавонон ва ҷомеа» таҳия ва пахш мегарданд, ки дар онҳо иштироки шахсони масъул ва коршиносон таъмин карда мешавад.

Аз ҷониби кормадони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 192 баромад дар воситаҳои ахбори омма таъмин карда шудааст, ки аз ин 42 баромади телевизионӣ, 57 баромади радиоӣ, 73 мақола дар матбуоти даврӣ ва 50 маводи иттилоотӣ дар шабакаи интернет мебошанд.

**Банди 30. Гузаронидани тренингҳои мақсаднок на камтар аз 5-рӯза барои шахсони тамоси вазорату идораҳо.**

Ҷиҳати амалисозии банди 30 Нақша, аз 31 май то 2 июни соли 2023 барои шахсони тамоси мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Бустон, Истиқлол, Гулистон ва ноҳияи Б.Ғафурови вилояти Суғд, рӯзҳои 12-14 сентябр соли 2023 барои шахсони тамоси Дастгоҳи раиси ВМКБ, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Мурғоб, Ванҷ, Шӯғнон, Роштқалъа, Рӯшон ва Ишкошими ВМКБ ва рӯзҳои 24-26 октябри соли 2023 барои шахсони тамоси Дастгоҳи Раиси вилояти Хатлон ва шаҳрҳои Бохтару Левакант, ноҳияҳои Панҷ, Ҷайҳун, Ҷ.Балхӣ, Қубодиён, Шаҳритуз, Носири Хисрав, Дӯстӣ, Вахш, Кушониён, Хуросон ва А.Ҷомӣ тренингҳо гузаронида шуданд. Дар тренингҳо зиёда аз 70 нафар хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ иштирок намуданд.

**Банди 31. Гузаронидани тренинг барои мураббиёни қаблан омодашуда.**

Соли 2024 дар мувофиқа бо Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе баргузории 3 тренинг барои омода намудани тренерони нав ва тренерони қаблан омодашуда ба нақша гирифта шудааст.

**Банди 32. Ташкил ва гузаронидани сафари омӯзишии аъзои Шӯро ва мураббиёни қаблан омодашуда ба яке аз давлатҳои мутараққӣ дар робита ба Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон.**

Ҷиҳати ташкил ва гузаронидани сафари омӯзишии аъзои Шӯро ва мураббиёни қаблан омодашуда ба яке аз давлатҳои мутараққӣ бо шарикони рушд машваратҳо идома доранд. Айни замон пешниҳоди мазкур аз ҷониби ягон шарики рушд дастгирӣ наёфтааст.

**Банди 33. Ҷорӣ намудани курси таълимӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар сохторҳои такмили ихтисоси ҷавонон ва намояндагони ВАО.**

Соли 2023 аз 6 то 8 июл дар Маҷмааи истироҳатии “Сафед-дара” бо иштироки 19 нафар кормандони ҷавони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Академияи миллии илмҳо, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон “Мактаби тобистонаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои ҷавонон” ташкил ва гузаронида шуд.

Ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии “Хома”ва бо ҷалби мутахассисон аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олӣ, Прокуратураи генералӣ, Маҷлиси намояндагон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ санаҳои 23-26 майи соли 2023, санаҳои 20-24 июни соли 2023 ва рӯзҳои 26-29 сентябри соли 2023 дар мавзӯи “Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар сатҳи миллӣ” барои журналистон тренингҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 бо фарогирии 495 ҳазору 792 нафар ҷавонон 5 634 хониши сиёсӣ гузаронидааст. Ҳамчунин соли 2023 Кумита бо иштирок ҷавонон 672 чорабиниҳои сиёсӣ-ватандӯстӣ ташкил ва баргузор намудааст.

**Банди 34. Гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои такмили ихтисоси назди вазорату идораҳо дар алоқамандӣ бо паймонҳо ва конвенсияҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон ба тасвиб расонидааст.**

Ташвиқу тарғиби дастовардҳои ҷумҳурӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва пешниҳоди маълумот оид ба иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар сохторҳои оинномавию шартномавии СММ дар доираи татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон пайваста ба роҳ монда мешавад.

Бо ин мақсад санаи 14 апрели соли 2023 барои кормандони масъули Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин, санаи 28 марти соли 2023 дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, 6 октябри соли 2023 барои кормандони Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 октябри соли 2023 барои кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо корупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 ноябри соли 2023 барои кормандони Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 декабри соли 2023 барои кормандони шунавандагони Мактаби олии КДАМ оид ба масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, санадҳои универсалии соҳаи ҳуқуқи инсон ва 30 солагии ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон ва Конвеснияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак семинарҳо гузаронида шуданд.

Ҳамчунин, санаи 14 апрели соли 2023 дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зиёда аз 180 нафар роҳбарони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе дар мавзӯи “Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак” семинари омӯзишӣ гузаронида шуд.

**Банди 35. Ҷой додани маълумоти муфассал оид ба рафти иҷрои Барнома дар маърӯзаҳои солонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон.**

Дар маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 дар соли 2022 бо забони давлатӣ, русӣ ва англисӣ маълумот ҷой дода шудааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ ҷиҳати татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 чораандешӣ намуда, оид ба раванди амалисозии он иловатан маълумот пешниҳод менамояд.